«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.п.,
дотсент ________ Сатторзода Б.А.
«29» 05 2025с.

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ҷаласаи навбатии кафедраи молия оид ба диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи "Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи "Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Сафаров Илҳом Нурмаҳматович аз соли 2005 ба Донишгоҳи муосири Тоҷикистону Руссия дохил гардида, соли 2006 ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон интиқол ёфтааст ва онро соли 2010 бо муваффақият аз рӯи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Сафаров Илҳом Нурмаҳматович аз соли 2010 то соли 2012 ба ҳайси ассистент дар кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи молияи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон). Аз соли 2012 то соли 2014 ба ҳайси мутахассиси пешбари шуъбаи коркарди дастурамалҳои молиявӣ барои соҳаҳои иқтисодии ПИТ «Молия»-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз соли 2014 то соли 2016 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва муомилоти пулии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон). Аз соли 2016 то соли 2020 ба ҳайси сармутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон). Аз соли 2020 то моҳи сентябри соли 2023 ба ҳайси муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Аз моҳи сентябри соли 2023 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Сафаров Илҳом Нурмаҳматович соли 2016 ба аспирантураи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии

молия ва иқтисоди Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 2020 аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29-уми июни соли 2017, суратҷаласаи №11/8.4 тасдиқ гардидааст. Бинобар сабаби пеш омадани зарурияти истеҳсолӣ мавзуъ ва роҳбари илмӣ тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 28-уми сентябри соли 2018, суратҷаласаи №2/4.15 иваз гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Содиқов М.С., доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодиёти бозоргонӣ ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун шарти муҳими рушди иқтисодиёти муосири ҳар як кишвар барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ яке аз омилҳои аввалиндараҷаи фаъолият маҳсуб меёбад.

Дар чунин шароит ташаккулёбии иқтисодиёти рақобатпазир, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар заминаи татбиқи манфиатҳои кишвар ва таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ба воситаи истифодаи самараноки механизми маблағгузорӣ имконпазир мегардад.

Таҷрибаи фаъолияти хоҷагидории муосир нишон медиҳад, ки яке аз проблемаҳои муҳимтарини фаъолияти сармоягузорӣ ташкили маблағгузории он мебошад. Ташаккули захираҳои сармоягузорӣ шарти асосии ибтидоии татбиқи раванди сармоягузорӣ ба шумор рафта, дар шароити кунунӣ имкониятҳои сармоягузориро васеъ мегардонад.

Дар баробари ин, барои татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар захираҳои молиявии маҳдуд буда, ба масъалаи беҳтарсозии равандҳои сармоягузорӣ диққати махсус дода мешавад.

Таҳкими рушди муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба, рушди муносибатҳои судманди иқтисодиву сармоягузорӣ бо кишварҳои шарикони рушд ва дигар иштирокчиёни бозори хоҷагии умумиҷаҳонӣ барои истифодаи васеъи имкониятҳои молиявӣ заминаи устувор мегузорад.

Аз ин рӯ, тамоми кишварҳои дунё, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ тамоми шароитҳои мусоидро бинобар сабаби таъмини бехатарии молиявӣ фароҳам меоранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз давлат дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ метавонад фаъолияти сармоягузориро маблағгузорӣ намояд ва инчунин тамоми равандҳои фаъолияти хоҷагидории кишварро дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ҳавасманд гардонад. Маблағгузории давлатӣ дар ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт алоқамандӣ дорад. Маблағҳои давлатӣ тавассути механизмҳо ва воситаҳои

гуногун, аз қабили субсидияҳо, грантҳо, имтиёзҳои андоз, барномаҳои гуногуни маблағгузорӣ ва ғайра сармоягузорӣ шуда, барои таҳкими равандҳои муносибатҳои сармоягузорӣ шарти муҳим арзёбӣ мегарданд.

Яке аз ҳадафҳои асосии маблағгузории давлатӣ фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва дар заминаи он татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва инчунин таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бо расонидани дастгирии молиявӣ давлат метавонад хатарҳои марбут ба сармоягузориро коҳиш диҳад ва даромади онҳоро беҳтар созад. Ин метавонад махсусан барои лоиҳаҳои нав ва инноватсионӣ, ки хароҷот ва хатарҳои баланди оғозёбӣ доранд, муҳим бошад.

Мутобиқан, омӯзиши масъалаҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шарти муҳими татбиқи манфиатҳои иқтисодии кишвар мебошад, барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории кишвар аҳамияти калон дорад. Маҳз татбиқи чунин ҳадафҳо интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян кардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Муайян намудани ҷанбаҳои илмию назариявии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар маҳсуб меёбад. Натиҷаҳои муҳимтарин, ки навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд, инҳоянд:

- ҷанбаҳои назариявӣ ва механизми татбиқи маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар шароити бозор ҳамчун шарти инкишофи самарабахши фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи дастгирии молиявии давлат ошкор гардида, самтҳои ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар асоси ташаккулёбии иқтисодиёти рақобатпазир, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар заминаи таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки механизми маблағгузорӣ муайян шудаанд;
- хусусиятҳои махсуси маблағгузории ҷараёнҳои сармоягузорӣ дар шароити ташаккул ва рушди механизмҳои бозорӣ истифодаи захираҳои фаровони табиӣ, суботи макроиқтисодӣ, устувории фаъолияти низоми молиявӣ, инчунин, таъмини динамикаи рушди соҳаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ мушаххас гардиданд ва омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар заминаи таҳлили истифодаи самараноки шартҳои рушди фаъолият, ташкили инфрасохтори муосири бозори молиявӣ, истифодаи васеи имкониятҳои ҷойдошта дар заминаи пешгирии хавфҳо ва тарафҳои заифи фаъолияти сармоягузорӣ ошкор гардид;
- усулҳои арзёбии иқтисодии маблағгузории фаъолияти сармоягузории воқеӣ дар заминаи пешниҳоди маблағ ва таҷҳизот, рушди инфрасохтору бунёди бозорҳои нави маҳсулот, ташаккулёбии иқтисоди сабз ва инчунин, рақамикунонии фаъолияти хоҷагидории кишвар асоснок гардиданд;
- воситаҳои беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар ин самт дар заминаи таҳлили имкониятҳои мавҷуда, аз қабили танзими самараноки

давлатии маблағгузории сармоягузорӣ, имтиёзҳои андоз, сиёсати дурусти молиявӣ, заминаи ҳуқуқӣ, дастгирии молиявӣ, банақшагирии стратегӣ асоснок гардидаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- ҷанбаҳои назариявии механизми татбиқи маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар шароити бозор ва самтҳои ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ;

- маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва усулҳои арзёбии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- усулҳои арзёбии иқтисодии маблағгузории сармоягузории воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- воситаҳои беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар ин самт.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии кори диссертатсия дар истифодаи натиҷаҳои бадастомада барои таҳкими маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар нигаронида шудаанд. Хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ, инчунин маълумотҳои омориву илмӣ метавонанд аз ҷониби ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва дар фаъолияти шӯъбаҳои гуногуни таҳлилии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Маводҳои тадқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар донишгоҳҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тайёр кардани маводҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои асосҳои сармоягузорӣ, молия, арзёбии иқтисодии сармоягузорӣ, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, сармоягузории хориҷӣ ва ғайра истифода шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ барои пешбурди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар самти ҷалби сармоягузорӣ муфид буда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар гузаронидани таҳқиқоту таҷрибаҳо, эътимоднокии маълумот, кофии маводи илмӣ, коркарди омории натиҷаҳои муаммои баррасишаванда ва нашрияҳо тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмиму назариявии натиҷаҳои тадқиқот асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз аз рӯи бандҳои дахлдор: 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидор, проблемаҳои муносибгардонии сохтори сармоя; 3.22. Ташаккули низоми самараноки маблағгузории лоиҳавӣ ва барномавӣ; 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ; 5.2.

Асосноккунии назариявӣ ва методологии равишҳои арзёбии амвол, сармоя ва сарчашмаҳои ҷалбгардида мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Муаллиф дар тавсеаи назарияи сармоягузорӣ ва механизмҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ саҳми муайян гузоштааст. Дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои ташаккули маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва идоранамоии раванди онҳо, ки аз хусусиятҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ноустувории молиявии ҷаҳонӣ бармеоянд, муайян карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Ҷараёни амалии натиҷаҳои диссертатсия аз беҳтарсозии (оптимизатсия) низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити бозор иборат аст, ки дар рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд. Инчунин роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузориро дар бар мегирад.

Натиҷаҳо ва ҷанбаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар Паёми Донишгоҳи Хоруғ - Хоруғ, 2023, конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Ташаккули модели инвеститсионии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», 14 - декабри соли 2018 - Душанбе, ДДМИТ, конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ», 23 - декабри соли 2023 – Душанбе, ДДМИТ, дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ», 1 - апрели соли 2024 – Душанбе, ДДМИТ, дар конфронси ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Муаммоҳо ва дурнамои рушди бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ”, бахшида ба 100-умин солагарди таъсисёбии мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДДМИТ 7.12.2024, Душанбе, дар Конференсияи илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ», 23-27 апрели соли 2024 - Душанбе, ДДМИТ ва дигар конфронсу ҳамоишҳои илмӣ (солҳои 2018-2025) тариқи мақолаву маърӯзаҳо муҳокима карда шуда, нашр гардиданд. Таҳқиқоти диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳодшуда тахқиқоти пурра ва ҳамаҷонибаи илмӣ мебошад, ки аз ҷониби муаллиф мустақилона, мувофиқи мақсад ва вазифаҳо ба анҷом расонида шуд.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва қабули қарорҳо оид ба иҷрои вазифаҳои таъмини маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ метавонанд аз тавсияҳои пениҳодшуда истифода баранд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Хулосаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар 12 мақола (бо ҳуқуқи муаллифӣ)

нашр шудаанд. Аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Рисолаи илмӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сармоягузорӣ, инчунин бо меъёрҳо ва пешниҳодҳои як қатор стратегияву барномаҳои соҳавӣ, ба монанди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин нақшаи перспективии корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

**Мавҷудияти санади тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз ДДМИТ аз 26.10.2024 №53 ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.05.2024 №3-2е/106 мавҷуд ҳаст.

## ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Сафаров, И.Н. Самаранокии таъминоти субвенсии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон [Матн] / И.Н. Сафаров, Х.Қ. Юнусзода // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2020. - №3 (23). - С.114-120. ISSN: 2663-0389.

[2-М]. Сафаров, И.Н. Асосҳои назариявии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Н. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2021. - №1 (25). - С.112-117. ISSN: 2663-0389.

[3-М]. Сафаров, И.Н. Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба он таъсиррасон [Матн] / И.Н. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2022. - №2.1 (31). - С.242-250. ISSN: 2663-0389.

[4-М]. Сафаров, И.Н. Баъзе масъалаҳои илмии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити бозор [Матн] / И.Н. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2023. - №1 (35). - С.437-446. ISSN: 2663-0389.

[5-М]. Сафаров, И.Н. Ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар низоми иқтисодиёти миллӣ [Матн] / И.Н. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2023. - №3 (37). - С.394-404. ISSN: 2663-0389.

[6-М]. Сафаров, И.Н. Беҳтарсозии (оптимизатсияи) низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити бозор [Матн] / М.С. Содиқов, И.Н. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. - 1(51). - С.298-306. ISSN: 2308-054Х.

[7-М]. Сафаров, И.Н. Роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ [Матн] / И.Н. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2024. - №1 (40). - С.242-254. ISSN: 2663-0389.

**Дар дигар нашриёҳо:**

[8-М]. Сафаров, И.Н. Маблағгузории сармоягузории воқеӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Содиқов, И.Н. Сафаров // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. - Хоруғ, 2023. - № 4 (28). - С.287-297. ISSN: 2664-5696.

[9-М]. Сафаров, И.Н. Таҳлили маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Н. Сафаров, М.С. Содиқов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ", ДДМИТ (23- декабри соли 2023). – Душанбе, 2024. - С. 73-78.

[10-М]. Сафаров, И.Н. Таҳлили омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Н. Сафаров // Маводи конференсияи илмӣ- амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ», ДДМИТ (1 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. - С. 573-583.

[11-М]. Сафаров, И.Н. Фаъолияти сармоягузорӣ ва механизми татбиқи он дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ [Матн] / И.Н. Сафаров // Маводи конференсияи илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ», ДДМИТ (23-27 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. - С. 154-159.

[12-М]. Сафаров, И.Н. Асосҳои назариявии таъсири сармоягузорӣ ба рушди иқтисодиёт[Матн] / И.Н. Сафаров, Б.Қ. Каримзода // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидани солҳои 2025-2030, «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон шудани соли 2025 ва 34-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21-26 апрели соли 2025) – Душанбе, 2025.- 212 саҳ. - С. 97-99

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Баромади Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи "Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризҳои муқарризони расмӣ д.и.и., и.в. профессор кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Кошонова Манзура Раҳматҷоновна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Нурализода Эмомалӣ Нуралӣ ва хулосаи роҳбари илмӣ д.и.и., и.в. профессор кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Содиқов Метархон Соқибекович ба инобат гирифта шавад;

2. Диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи "Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267" тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи "Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 24 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 12 нафар: 2 нафар доктори илм ва 3 нафар номзади илм. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор 12- нафар, Зид - нест, Бетараф - нест.

Қарор дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, протоколи №10.5.2 аз «27» майи соли 2025 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи молия — Убайдуллозода Ф.У.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., муаллими калони
кафедраи молия — Зубайдов Ҷ.И.

**Имзоҳои Убайдуллозода Ф.У. ва Зубайдов Ҷ.И. - ро тасдиқ мекунам:**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.А.

Ҷ.М.

(сана)